«Тасдиқ мекунам»
Муовини якуми Сарвазири
Ҷумҳурии Тоҷикистон - Раиси Шӯро,
_______________ Давлаталӣ Саид

«09» феврали соли 2018

# Протоколи №3
## ҷаласаи Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ

Раисикунанда, Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Раиси Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ - Давлаталӣ Саид.

Дар ҷаласа ҳайати Шӯро ва шахсони масъули даъватшуда иштирок доштанд.

Рӯзномаи ҷаласа:

1. Гузориши Котиби масъули Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ оид ба рафти иҷрои протоколи Шӯрои мазкур аз 3 марти соли 2017, №2.
2. Гузориши Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, муовини Раиси Шӯро оид ба татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор».
3. Ҳисоботи роҳбарияти Сарраёсати Хадамоти давлатии оташнишонии Вазорати корҳои дохилӣ, Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо, Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва Кумитаи ҳифзи муҳити зист оид ба рафти татбиқи нақшаҳои солонаи гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар соли 2017.
4. Баррасии номгӯи меъёрҳои арзёбии дараҷаи таваккали фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, нақшаҳои солонаи гузаронидани санҷишҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидор барои соли 2018 ва номгӯи масъалаҳои назоратие, ки аз ҷониби мақомоти санҷишӣ барои мувофиқа ба Шӯро пешниҳод карда шудаанд.

5. Гузориш оид ба таҳлил ва корҳои анҷомдодашуда ҷиҳати иҷрои банди 5 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2017, №266 дар хусуси пешниҳод намудани таклиф бо мақсади маҳдуд кардани ваколатҳои санҷишии мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаҳои ҷангал, шикор ва ҳудудҳои махсус муҳофизатшавандаи табиӣ, забон ва истилоҳот, идораи замин ва геодезӣ, бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқ ба он, омор, суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, фаъолияти зиддиинҳисорӣ.

6. Муаррифии Махзани ягона оид ба санҷишҳои гузаронидашуда ва низоми иттилоотии идоракунӣ.

Ҷаласаро Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон - Раиси Шӯро оғоз карда, ҳозиринро бо масъалаҳои баррасишавандаи рӯзномаи ҷаласа шинос намуданд.

Дар оғози ҷаласа Раиси Шӯро қайд намуд, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2017 ва дар мулоқот бо соҳибкорону сармоягузорон аз 14 ноябри соли 2017 доир ба шумораи зиёди мақомоти санҷишию назоратӣ ва санҷишҳои беасосу такрорӣ изҳори нигаронӣ намуданд.

Инчунин иттилоъ доданд, ки бо мақсади бартараф намудани санҷишҳои беасосу такрорӣ ва фароҳам овардани фазои мусоид барои соҳибкорӣ аз тарафи Сарвари давлат ба ҳама гуна санҷишҳои фаъолияти соҳибкорони истеҳсолӣ, ба истиснои санҷишҳои нақшавии Кумитаи андоз, Прокуратураи генералӣ, Палатаи ҳисоб, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ва Бонки миллӣ дар давоми ду соли минбаъда мораторий эълон карда шуд.

Дар баробари ин, бо мақсади кам кардани такроршавии вазифаҳои ба ҳам монанд, ҳамоҳангсозии санҷишҳо, сарфаи маблағҳои буҷетӣ ва кам гардидани монеаҳои сунъӣ барои фаъолияти соҳибкорӣ дар асоси қарорҳои Ҳукумати мамлакат аз ҳисоби чор сохтори Вазорати кишоварзӣ - Кумитаи бехатарии озуқаворӣи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар заминаи се хадамоти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ - Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ таъсис дода шуд.

Оид ба масъалаи якуми рӯзномаи ҷаласа Котиби масъули Шӯро, сардори Раёсати пешбурди низоми иҷозатдиҳии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ - Ҳақназарзода Комилҷон Сайдулло баромад намуда, оид ба рафти иҷрои бандҳои қарори Протоколи ҷаласаи дуюми Шӯро маълумоти муфассал пешниҳод

намуд. Қайд гардид, ки Протоколи қаблӣ фарогири 9 банд буда, ҳамаи бандҳои он тибқи тартиби муқарраргардида иҷро гардиданд.

Аз рӯи масъалаи дуюми рӯзнома, муовини Раиси Шӯро, Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ - Қаҳҳорзода Файзиддин Саттор баромад намуда, оид ба рафти татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» ва санадҳои зерқонунии он, доир ба санҷишҳои нақшавии мақомоти санҷишӣ дар соли 2017, фарқияти шумораи санҷишҳои гузаронидашуда нисбат ба нақшаи дар мувофиқа тасдиқшуда ва мушкилоти ҷойдошта дар ин самт маълумоти муфассал пешниҳод намуд. Қайд гардид, ки тибқи маълумоти оморӣ аз ҷониби мақомоти санҷишӣ дар соли 2017-ум 135 416 санҷиши нақшавӣ гузаронида шудааст, ки ин нисбат ба нишондиҳандаи соли 2016-ум 78 фоиз кам вале аз санҷишҳои дар мувофиқа бо Шӯро тасдиқгардида 89,6 фоиз зиёд мебошад.

Ҳамзамон иброз гардид, ки дар баъзе мавридҳо масъулини мақомоти санҷишӣ ба таври зарурӣ мазмуну муҳтавои санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидорро пурра дарк накарда, дар таҳияи ҳисобот ва анҷоми корҳои назоратӣ ба хатогиҳои зиёд роҳ додаанд. Дар баробари ин, на ҳама мақомоти санҷишӣ нақшаҳои гузаронидани санҷишҳоро барои соли 2017 ва Номгӯи масъалаҳои назоратиро дар сомонаҳои расмии худ новобаста аз муроҷиатҳои чандинкаратаи котиботи Шӯро ҷойгир кардаанд.

Инчунин, муовини Раиси Шӯро тазаккур доданд, ки мувофиқи қонунгузорӣ Номгӯи меъёрҳои таваккал, ки дар асоси он санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор гузаронида мешаванд, аз ҷониби аксарияти мақомоти санҷишӣ талаботи қонун дар сатҳи зарурӣ ба инобат гирифта нашуда, бе ҷалби коршинос ва тавсифи зарурӣ меъёрҳо омода ва барои тасдиқ пешниҳод гардидаанд, ки мувофиқи мақсад намебошад.

Оид ба масъалаи сеюми рӯзномаи ҷаласа гузориши роҳбарони мақомоти санҷишие, ки санҷишҳои нақшавии фаъолияти субъектҳои хоҷагидорро дар соли 2017 аз нақшаи тасдиқгардида зиёд гузаронидаанд, дода шуд. Дар хусуси масъалаи мазкур аз ҷониби сардори Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёти назди Вазорати нақлиёт Қурбонзода Хуршед Ҳазрат, муовини сардори Сарраёсати Хадамоти давлатии оташнишонии Вазорати корҳои дохилӣ Суфизода Раби Аҳмад, муовини сардори собиқ Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ Давлатзода Саид Ҳайдар ва

раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зист Ибодзода Хайрулло ҳисобот пешниҳод карда шуд.

Вобаста ба масъалаи чоруми рӯзномаи ҷаласа Раиси Шӯро тазаккур доданд, ки мувофиқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор мақомоти санҷишӣ вазифадоранд, ки Номгӯи меъёрҳои таваккал, нақшаҳои солонаи гузаронидани санҷишҳо ва Номгӯи масъалаҳои назоратиро тибқи тартиби муқарраргардида ба Шӯро барои мувофиқа, маъқулдонӣ ва тасдиқ пешниҳод намоянд.

Котиби масъули Шӯро дар гузориши худ роҷеъ ба Номгӯи меъёрҳои таваккал, нақшаҳои солонаи гузаронидани санҷишҳо барои соли 2018 ва Номгӯи масъалаҳои назоратӣ ва камбудиҳои ҷойдошта дар онҳо маълумоти муфассалро ба Раис ва аъзои Шӯро пешниҳод намуд.

Оид ба гузориши мазкур Раиси Шӯро вобаста ба зиёд шудани шумораи санҷишҳои нақшавии мақомоти санҷишӣ барои соли 2018 изҳори нигаронӣ карда, қайд намуданд, ки санҷишҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидор бояд аз рӯи дараҷаи таваккалнокӣ ба нақша гирифта шаванд. Инчунин қайд гардид, ки нақшаҳои санҷишии сохторҳои нави таъсисёфта – Кумитаи бехатарии озуқаворechии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ бояд тибқи тартиби муқарраргардида омода ва ба Котиботи Шӯро пешниҳод карда шаванд.

Дар хусуси масъалаи панҷуми рӯзномаи ҷаласа аз ҷониби Раиси Шӯро қайд карда шуд, ки қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2017, №266 «Дар бораи ислоҳоти минбаъдаи соҳаи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» ба тасвиб расид ва бо мақсади иҷрои банди 5 он аз ҷониби Котиботи Шӯро дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд бо дарназардошти таҷрибаи байналмилалӣ таҳлилҳои зарурӣ вобаста ба ваколатҳои санҷишии мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаҳои ҷангал, шикор ва ҳудудҳои махсус муҳофизатшавандаи табиӣ, забон ва истилоҳот, идораи замин ва геодезӣ, бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқ ба он, омор, суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, фаъолияти зиддиинҳисорӣ гузаронида шудааст. Оид ба масъалаи матраҳшаванда баромади муовини сардори Раёсати пешбурди низоми иҷозатдиҳии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ - Яздонзода Исфандиёр шунида шуд.

Дар баромад маълумоти таҳлилӣ ва пешниҳодот оид ба маҳдуд ва ихтисор намудани ваколатҳои санҷишии баъзе мақомоти санҷишӣ пешниҳод гардид. Дар муҳокимаи таҳлили пешниҳодгардида муовини якуми раиси Кумитаи идораи замин ва геодезӣ - Каримзода Азизмамад, раиси Иттифоқи рушди бахши хусусии Тоҷикистон - Раҷабов Файзалӣ ва дигарон баромад намуданд.

Оид ба масъалаи шашуми рӯзномаи ҷаласа Раиси Шӯро иброз карданд, ки мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 октябри соли 2017, №429 бо мақсади автоматикунонии ҷараёни ҳамоҳангсозии гузаронидани санҷишҳо байни мақомоти санҷишӣ, ҳамоҳангсозии банақшагирии гузаронидани санҷишҳо, пешгирии такроршавии санҷишҳо, пешгирии вайронкунии муҳлати гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор ва истифодаи маълумот барои арзёбии таваккалҳо дар ҳар бахш, инчунин назорати риояи қонунгузории соҳаи санҷишҳо ва таҳлили натиҷаи онҳо бояд Махзани ягона оид ба санҷишҳои гузаронидашуда ва низоми иттилоотии идоракунӣ таъсис дода шавад.

Бинобар ин, бо мақсади иҷрои қарори зикргардида тибқи маълумоти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд дар самти ташкили Махзани ягона оид ба санҷишҳои гузаронидашуда ва низоми иттилоотии идоракунӣ корҳои зарурӣ андешида шуда истодаанд.

Бо назардошти ин, вобаста ба муаррифии Махзани ягона оид ба санҷишҳои гузаронидашуда ва низоми иттилоотии идоракунӣ ё худ портали электронӣ оид ба санҷишҳо сухан ба роҳбари Лоиҳаи беҳтаргардонии фазои соҳибкорӣ ва сармоягузории Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ (IFC), Гурӯҳи Бонки Умумиҷаҳонӣ - Нурматова Мадина ва мушовири байналмилалии ташкилоти мазкур - Кенҷалиев Достон дода шуд.

**Баъд аз муҳокимаи масъалаҳои рӯзномаи ҷаласа қарорҳои зерин қабул карда шуд:**

1. Гузориши Котиби масъули Шӯро, сардори Раёсати пешбурди низоми иҷозатдиҳии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Ҳақназарзода К.С. оид ба рафти иҷрои супоришҳои Протоколи Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ аз 3 марти соли 2017, №2 ба инобат гирифта шавад.

2. Меъёрҳои умумии арзёбии самара ва натиҷабахши фаъолияти марбут ба санҷишҳои мақомоти санҷишӣ тасдиқ карда шавад.

3. Лоиҳаи «Дастурамали методӣ барои мақомоти санҷишӣ оид ба таҳия ва истифодаи номгӯи масъалаҳои назоратӣ» бо дарназардошти таклифҳои аъзои Шӯро такмил дода шуда, ба баррасии ҷаласаи навбатии Шӯро пешниҳод карда шавад.

4. Ҳисоботи роҳбарони Кумитаи ҳифзи муҳити зист, Агентии «Тоҷикстандарт», Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёти назди Вазорати нақлиёт, Сарраёсати Хадамоти давлатии оташнишонии Вазорати корҳои дохилӣ, собиқ Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба инобат гирифта шавад.

5. Кумитаи андоз субъектҳои хоҷагидорро мунтазам бо Дафтари бақайдгирии санҷишҳо (аз ҳисоби маблағҳои махсуси худ ва дигар сарчашмаҳо) ройгон таъмин намуда, маълумоти заруриро ба Котиботи Шӯро пешниҳод намояд.

6. Нақшаҳои солонаи гузаронидани санҷишҳо барои соли 2018, ки аз ҷониби мақомоти санҷишӣ пешниҳод шудаанд, дар маҷмӯъ маъқул дониста шуда, мақомоти санҷишӣ вазифадор карда шаванд, ки бо дарназардошти дар Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2017 ба муҳлати 2 сол эълон гардидани мораторий ба ҳама гуна санҷишҳои фаъолияти соҳибкорони истеҳсолӣ дар муҳлати 10 рӯзи корӣ нақшаи худро такмил дода, ба Котиботи Шӯро пешниҳод намоянд.

7. Нозироти давлатии иёргирии назди Вазорати молия Нақшаи солонаи гузаронидани санҷишҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидорро барои соли 2018 тибқи талаботи қисми 6 моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» дар муҳлати 10 рӯз такмил дода, ба Котиботи Шӯро пешниҳод намояд.

8. Номгӯи меъёрҳои арзёбии дараҷаи таваккали фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар маҷмӯъ тасдиқ карда шуда, мақомоти санҷишӣ вазифадор карда шаванд, ки меъёрҳои таваккали мазкурро бо ҷалби коршиносон такмил дода, то 1 марти соли 2018 тибқи тартиби муқарраргардида ба Котиботи Шӯро пешниҳод намоянд.

9. Номгӯи масъалаҳои назоратие, ки аз ҷониби мақомоти санҷишӣ барои мувофиқа ба Шӯро пешниҳод карда шудаанд, маъқул дониста шаванд.

10. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ:

- аз ҳисоби намояндагони Прокуратураи генералӣ, вазорату идораҳои дахлдор ва бахши хусусӣ гурӯҳи корӣ таъсис дода, шумораи санҷишҳои банақшагирифтаи мақомоти санҷишӣ дар соли 2018 бо дарназардошти элон гардидани мораторий ба ҳама гуна санҷишҳои фаъолияти соҳибкорони истеҳсолӣ ва риояи якхелаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидорро мавриди санҷишу таҳлил қарор дода, аз натиҷааш ба Раиси Шӯро маълумоти муфассал пешниҳод карда шавад;

- бо мақомоти санҷишӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор Номгӯи меъёрҳои арзёбии дараҷаи таваккали фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, нақшаҳои солонаи гузаронидани санҷишҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидор барои соли 2018 баъд аз такмилдиҳӣ ва Номгӯи масъалаҳои назоратиро дар сомонаҳои расмии худ ва васоити ахбори омма ҷойгир намоянд;

- якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор бинобар сабаби муттаҳид гардидани мақомоти санҷишӣ ва дар ин замина таъсис ёфтани Кумитаи бехатарии озуқаворӣи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти давлатии ҳифзи тандурустии аҳолии назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ тағйиру иловаҳои дахлдорро ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии зарурӣ таҳия ва тибқи тартиби муқаррargардида ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд;

- аз ҳисоби намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, шарикони рушд ва бахши хусусӣ гурӯҳи корӣ таъсис дода, маълумоти таҳлилиро оид ба иҷрои банди 5 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2017, №266 дар хусуси пешниҳод намудани таклиф бо мақсади маҳдуд кардани ваколатҳои санҷишии мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаҳои ҷангал, шикор ва ҳудудҳои махсус муҳофизатшавандаи табиӣ, забон ва истилоҳот, идораи замин ва геодезӣ, бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқ ба он, омор, суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, фаъолияти зиддиинҳисорӣ тибқи тартиби муқаррargардида Раиси Шӯро пешниҳод намояд;

- оид ба ҷоннок намудани корҳо дар самти ташкил намудани Махзани ягона оид ба санҷишҳои гузаронидашуда ва низоми иттилоотии идоракунӣ чораҳои зарурӣ андешад;

- ҷиҳати иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор бо ҷалби васеи намояндагони мақомоти санҷишӣ ва субъектҳои соҳибкорӣ корҳои фаҳмондадиҳиро ба роҳ монад.

12. Назорати иҷрои Протоколи мазкур ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ вогузор карда мешавад.

| | |
|---|---|
| Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, муовини Раиси Шӯро | Ф. Қаҳҳорзода |
| Аъзои Шӯро: | |
| Вазири адлия | Р. Шоҳмурод |
| Вазири молия | А. Қурбониён |
| Вазири рушди иқтисод ва савдо | Н. Ҳикматуллозода |
| Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ | Н. Олимзода |
| Вазири саноат ва технологияҳои нав | Ш. Бобозода |
| Вазири корҳои дохилӣ | Р. Раҳимзода |
| Вазири кишоварзӣ | И. Сатторӣ |
| Раиси Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ | Р. Аҳмадзода |
| Роҳбари Иттифоқи рушди бахши хусусии Тоҷикистон (намояндаи бахши хусусӣ) | Ф. Раҷабов |
| Муовини Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ | Нигина Анварӣ |
| Котиби масъули Шӯро | К. Ҳақназарзода |